# «ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАНШАИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР РУҲИЯИ ВАТАНДӮСТӢ»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 17 Март, 2025 - 11:33
[1]

Таҳти чунин унвон дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хониши сиёсӣ баргузор гардид. Зимни он Раис Кумита Сахидод Раҳматуллозода иброз намуд, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳнамои стратегии пешрафти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа буда, нақши ҷавононро дар ҳалли масъалаҳои муҳими миллӣ равшан нишон медиҳад. Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки ҳар як ҷавон бояд худро масъули рушди Ватан донад. Ин масъулият аз тарбияи ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва таълими замонавӣ оғоз мегардад. Паёми Пешвои миллат ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз махсуб ёфта, дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва пешрафти давлату давлатдорӣ нақши калон дорад. Корманди Кумита Сабралиев Нодир иброз намуд, ки ҳамасола Пешвои муаззами миллат дар ҳар паёми ироагардидааш ба Маҷлиси Олӣ қайд менамоянд, ки «Мо ба нерӯи созандаи ҷавонон эътимоди комил дорем. Онҳо неруи пешбарандаи чомеа, давомдиҳандаи кору фаолияти насли калонсол, қувваи созанда ва иқтидори воқеъии ҷомеа ваояндаи миллат ва давлат мебошанд»

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

-

-

**Манбаъ::**http://www.istilohot.tj/tg/content/payomi-prezidenti-chumkhurii-tochikiston-manshai-tarbiyai-chavonon-dar-rukhiyai-vatandusti?page=42

**Пайвандҳо**
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20250319-WA0016.jpg [2] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250319-WA0014.jpg [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250319-WA0016.jpg